# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Саидзода Дилшод Саид дар мавзуи “Самтҳои асосӣ ва тамоюлҳои таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02. – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Дар шароити ҳозираи инкишофи ҷомеа сиёсати давлатӣ ва масъалаҳои гуногуни он аҳамият ва ҷойгоҳи хосаро касб намудаанд. Махсусан, масъалаҳои таҳия, тамини самаранокӣ ва сифати сиёсати давлатӣ самти афзалиятноки таҳқиқотҳои илмие ба ҳисоб мераванд, ки натиҷа ва оқибатҳои онҳо низоми идоракунии давлатиро муайян менамоянд. Мақом ва накши сиёсати давлатӣ дар ҳаёти ҷомеа, давлат ва инсони мушаххас раванди объективӣ мансуб мегардад, ки бисёре аз масъалаҳои дигари инкишофи умумӣ аз онҳо бармеоянд ва ё бо онҳо пайвасти ногусастанӣ доранд.

Дар рисола хусусиятҳо ва аҳамияти муҳими сиёсати давлатиро дар низоми инкишофи давлат, ҷомеа ва инсони муосир ба эътибор гирифта, дар давлатҳои сатҳи гуногуни рушд ба раванди таҳияи сиёсати давлатӣ ва муайян намудани тамоюлоти инкишофи самтҳои асосии он таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Сиёсати давлатӣ дар танзим ва таъмини рушди мутаносиби тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намуда, махсусан дар раванди идоракунии сиёсии ҷомеа мақоми махсусро касб менамояд. Аз ин ҷост, ки сиёсатмадорону ходимони давлатӣ ва роҳбарияти кишварҳо ва иттиҳодияҳои сиёсӣ ба масъалаи таҳияи сиёсати давлатӣ, муайян намудани самтҳои асосии инкишоф ва дар амалияи ҷамъиятӣ татбиқи воқеии он диққати махсус медиҳанд.

Қобли тазаккур аст, ки дар чунин ҷомеаҳои пешрафта ба масъалаҳои таҳқиқи назариявӣ, муайян намудани асосҳои методологӣ ва раванди дар ҳаёти воқеӣ истифода намудани натиҷаҳои он диққати махсус медиҳанд.

Кори диссертатсионии Саидзода Д.С. низ ба ҳамин масъалаи муҳими ҳаёти ҷомеаи муосир бахшида шудааст. Дар кори диссертатсионӣ принсипҳо, методҳо ва меъёрҳои мухталифи таҳқиқотӣ истифода шудаанд. Принсипҳо ва методҳои умумиилмӣ ва махсус, методҳои мухталифи илмҳои сиёсӣ, аз ҷумла методҳои системавӣ ва сохториву функсионалӣ, муқоисавӣ, методи мушоҳида ва баҳогузорӣ ва инчунин методҳои дигаре дар доираи низоми донишҳои синергетикӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд.

Бояд қайд намуд, ки сиёсати давлатӣ ва раванди таҳияву татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи арзишҳо ва принсипу меъёрҳои муайяну эътирофгардида ба амал баровarda мешаванд, ки дар доираи манфиатҳои миллӣ ва рушди низоми давлатдории миллӣ воқеият пайдо менамоянд. Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи ислоҳотҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро пеш гирифта, сиёсати давлатӣ ва рушди бевоситаю ҳамаҷонибаи онро вазифаи муҳимтарин меҳисобад. Ба сиёсати давлатӣ ҳам дар сатҳи муносибати универсалӣ ва ҳам дар сатҳи соҳавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро ҳамчун воситаи муҳимтарин ва асосии ҳалли масъалаҳои инкишофи ҷомеа ва низоми идоракунии самаранок мансуб медонанд.

Ба андешаи муаллиф маҳз сиёсати давлатӣ восита ва унсури муҳими таҳия ва ба амал баровардан барномаҳои махсуси сиёсӣ дар амалӣ намудани ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ дониста мешавад. Он унсури меҳварии ислоҳоти идоракунии сиёсии ҷомеа ва ташаккулу инкишофи мутаносиби он мансуб мегардад. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои алоқаманд ба ташаккул ва рушди сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон аҳамияти илмиву амалиро доро мебошад. Аз ин ҷост, ки унвонҷӯ Саидзода Д.С. мавзуи мазкурро ба сифати кори диссертатсионӣ интихоб намудааст.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқотиро дуруст муайян намудааст. Дар шароити имрӯза зарурати омӯзиш ва баррасии илмии ташаккули сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил ва баҳогузории он ба яке аз вазифаҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ мубаддал гардидааст. Маҳз, чунин зарурат интихоби мавзуи мазкурро ҳамчун масъалаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян менамояд.

Дар боби аввали кори диссертатсионӣ - «**Масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи раванди таҳияи сиёсати давлатӣ**» муаллиф таваҷҷуҳи асосиро ба тавсифи илмии мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои сиёсат равона намуда, онро ба таври муқаррарӣ ҳамчун тавсифи идораи корҳои давлатӣ ва ё ҷамъиятӣ ифода менамояд. Он фаъолияти муташаккили одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои сиёсӣ аст, ки аз манфиатҳо ва мақсадҳои онҳо бармеоянд ва дар системаи ҳамин хел соҳаи фаъолияти дигар: иқтисодӣ, идеологӣ, маданӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва ғайра асосӣ мансуб мегарданд.

Инчунин муаллиф таваҷҷуҳи хоссае ба мактабҳо ва самтҳои афзалиятноки илмӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар таҳқиқи масъалаи сиёсати давлатӣ ва муайян намудани самтҳои инкишофи он ва дарёфти роҳу воситаҳои таҳия ва татбиқи самараноки онҳо намудааст. Дар саромади муносибатҳои фаҳми махсуси сиёсат қарор гирифтааст, ки он аз таълимоти Арасту оғоз мегардад. Арасту сиёсатро шакли мутамаддини умумият медонист, ки баҳри хайрияти умум ва ҳаёти хуррам хизмат менамуд. Чунин ҳолати ҷомеаро замоне муваффақ шудан мумкин аст, ки сиёсатро дар маънои воситаи муҳими идоракунии ҷомеа ва асосан, корҳои давлатӣ дарк бояд кард.

Ба андешаи муаллиф дар шароити имрӯза, миқдори зиёди маводҳо дар соҳаи низоми сиёсати давлатӣ ҷамъоварӣ шудааст, ки дар онҳо муносибатҳои заминавӣ ба мавзуи таҳқиқот муайян карда шудаанд. Илова бар ин, гуногунӣ дар муайян намудани соҳаҳои

таҳқиқот ва сохтори назарияи сиёсати давлатӣ ошкор шудаанд. Дар ин самт, се ҷиҳати асосии хулосагирии сиёсати давлатӣ мавҷуд аст:

- аҳамияти муайянкунандаи меъёрҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалинамоии онҳо;

- усулҳои иқтисодии идоракунӣ ё танзимнамоӣ;

- ташкили фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ва иерархияи маъмурии ташкилотҳои давлатӣ.

Дар боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ - **«Ташаккул ва инкишофи низоми таҳияи сиёсати давлатӣ дар шароити Тоҷикистони муосир»** диққати асосӣ ба масъалаҳои ташаккули низоми хосаи таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ, ки самтҳои муҳимтарини инкишофи ҷомеаро мураттаб ва мушаххас мегардонад ва аҳамияти калони назариявию методологӣ ва сиёсию амалӣ дорад, ҷалб мегарданд. Чунин гузориши масъала ҳам дар замони советӣ ва дар давраи соҳибистиклолии Тоҷикистон рӯзмарра мебошад.

Дар шароити имрӯза ташаккули ҷомеаи озоди маданӣ ва ташаккул ва рушди давлати иҷтимоӣ, бунёди низоми идоракунии иҷтимоӣ, ки меҳвари онро идоракунии давлатӣ ташкил менамояд, аҳамияти хосаро касб намудааст. Ҷудо намудани вазифаҳои давлат ва ҷомеа, таъсири иқтисодиёти бозоргонӣ ба вазифаҳои давлат дархосту талаботҳои ҷиддиро нисбат ба сифат ва вазъияти рушди давлат пешниҳод менамояд, ки бо ҷанбаи эмперикӣ, ба ҷанбаи фаъоли амалигардии вазифаҳои давлат алоқаманд аст.

Ба андешаи Саидзода Д.С. дар давраи аввали инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвар ба низоми рушди мустақили давлатдорӣ гузаштааст. Хусусияти асосии онро ташаккули системаи нави сиёсати давлатӣ бо муайян намудани самтҳои инкишоф ва татбиқи хоссаи он ташкил менамоянд. Аз ин хотир, дар ҷумҳурӣ принсипҳо, методҳо ва меъёрҳои нави таҳияи сиёсати давлатӣ ва раванди татбиқи он мавриди истифода

қарор дода шуданд. Онҳо бояд ба ташаккул ва инкишофи давлатдории навин мусоидат намоянд.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки дар натиҷаи бунёди давлатдорини навин ташаккули мақомоти нави идоракунии давлатӣ ба миён омаданд, ки ба низоми махсуси сиёсати давлатӣ ва раванди татбиқи он асос ёфтааст.

Дар маҷмӯъ метавон иброз намуд, ки кори диссертатсионӣ ба таври мантиқӣ таълиф гардида, маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба таври амиқ таҳлил гардида, хулосагирӣ шудаанд. Тавсияҳои муҳим пешниҳод гардидаанд, ки аҳамияти назариявию методологӣ ва амалиро касб менамоянд.

Дар рисолаи диссертатсионии хеш Саидзода Д.С. кӯшиш бар он намудааст, ки паҳлуҳои мухталифи масъалаи ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор диҳад. Муаллиф нишон додааст, ки дар мавриди сиёсати давлатӣ, самтҳои асосӣ ва тамоюлоти инкишофи он дар таърихи таълимоти сиёсӣ, махсусан, дар давраи муосири инкишофи ҷомеа вобаста ба зарурати инкишоф назарҳои гуногун иброз гардидаанд. Маводҳои зиёди назариявӣ ва амалии таҳқиқи сиёсати давлатӣ мавҷуданд, ки паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш, таҳлил ва натиҷагириҳо қарор додаанд.

Диссертант мақсади асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқотиро дуруст муайян намудааст. Дар адабиёти илмӣ моҳият, мундариҷа ва таъиноти сиёсати давлатӣ чунин тасниф карда мешавад: дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ сиёсати давлатӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, барои мустаҳкам намудани давлат, устувории муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ҳам дар дохил ва ҳам берун аз он хизмат менамояд; сиёсати давлатӣ ин воситаи самараноки амалӣ намудани сиёсати дохилӣ, берунӣ, иқтисодӣ ва ҳимоявӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина Саидзода Д.С. қайд менамояд, ки сиёсати давлатӣ танзимкунандаи асосӣ дар мубориза барои таъмини қонуният, режими ҳуқуқӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳимояи иҷтимоӣ-ҳукукии манфиати шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ баромад менамояд. Сиёсати давлатӣ бо мақсади амалҳои пайваста ва самаранок таркиби кадрии оссаро омода намуда, инчунин риояи ҳатмии дастурамал ва амру фармонҳо аз тарафи хизматчиёни давлатиро дархост менамояд.

Андешаҳои боло навгонии илмии тадқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок гардида, бо далелҳои муътамади амалӣ ва назариявӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳаққиқ кобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ-эҷодӣ, таҳдили ҳаматарафаи асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Саидзода Д.С. аз худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлил ва натиҷагириро нишон дода, қобилияти баланде барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро нишон додааст. Кори диссертатсионии ӯ ба таври таҳқиқотию таҳлилӣ ва таснифотӣ иншо шуда, дар он дар асоси андешаҳои муаллиф ҳолатҳои илмию назариявӣ ва амалӣ ба таври зарурӣ таҳия гардидаанд.

Саидзода Д.С. ҳамчун муҳаққиқ дорои дониши қавии сиёсӣ, инчунин устоди хуб ташаккулёфта буда, рисолае бо муносибати объективонае ба раванду ҳодисаҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст. Истифодаи хулосаҳо ва пешниҳодот ҳам барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам барои кишварҳои дигар арзишманд буда, дар дарки масъалаҳо ва дарёфти ҳалли онҳо метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Кори диссертатсионӣ ба таври мустақилона анҷом дода шудааст. Он аз рӯи мазмуну мундариҷа ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқ аст. Адабиёти истифодашуда, хулосаҳои таҳлилӣ, мазмуну мундариҷаи

рисола, методҳои истифодашуда ба ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар пайвасти бевосита қарор доранд.

Дар маҷмӯъ кори диссертатсионӣ рӯзмаррагӣ ва навгониҳоро ба таври барҷаста таҷассум намуда, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои сиёсӣ,
дотсент, сардори Раёсати илм ва инноватсияи
Донишгоҳи славянӣ Россия ва Тоҷикистон Шарифзода Л.Ш.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
куч. М. Турсунзода, 30, Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон

Имзои Л.Ш. Шарифзодаро тасдиқ менамоям,
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи славянӣ Россия Тоҷикистон Раҳимов А.А.